Тасдиқ карда шудааст
Аз тарафи Маҷлиси умумии ТҶ “Хуршед”
Суратҷаласаи №_01__ аз 25 январи соли 2022.

# СИЁСАТИ

**маъмурии ташкилоти ҷамъиятии**
**“Хуршед”**

**2022**

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Ҳуҷҷати мазкур дар Ташкилоти ҷамъиятии “Хуршед” (минбаъд - Ташкилот) сиёсати маъмуриро муқаррар  ва ба танзим медарорад.

1.2. Сиёсати мазкур дар асоси талаботҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои дохилии Ташкилот тартиб дода шудааст.

1.3. Талаботҳои сиёсати мазкур бояд ҳатман аз ҷониби ҳамаи кормандон, аъзоёни Ташкилот ва шахсони дигари ба онҳо баробаркардашуда (кормандони кироя, шахсоне, ки бо шартномаҳои хизматрасонӣ ба Ташкилот хизматрасонӣ мекунанд, ҳамчунин ба аъзои Раёсати ташкилот ва тамоми аъзоёни Ташкилот), (минбаъд - Корманд ва ё аъзои Ташкилот ва дар шакли ҷамъ Кормандон ва ё аъзоёи Ташкилот) риоя карда шаванд.

# 2. МАҚСАДИ ТАШКИЛОТ

2.1. Мақсади асосии Ташкилоти ҳифз ва ба амал баровардани ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва  дастгирии иҷтимоию ҳуқуқӣ, фарҳангии шаҳрвандон, вусъат додани фаъолиятнокии онҳо таъис дода шудааст.

2.2. Ташкилот - иттиҳодияи ҷамъиятие мебошад, ки бо Қарори муассисон таъсис ёфта мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии  Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад.

## 3. Сохтори ташкилот



## 4. МАСЪАЛАҲОИ КАДРӢ

### 4.1. Ҷалби кормандон

Корманд бояд мувофиқи маълумот ва ихтисосаш ба кор қабул карда шавад. Ҳангоми ба кор қабул кардан Ташкилот вазифадор аст, ки ба муҳлати муайян ё номуайян шартномаи меҳнатӣ бандад. Шартномаи меҳнатӣ бояд ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шавад.

Ба Корманд барои имзо ду нусхаи Шартномаи меҳнатӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар сурати розӣ будан ӯ ба онҳо имзо гузошта, як нусхаашро бо худ нигоҳ медорад ва нусхаи дигаррашро ба Ташкилот бармегардонад.

### 4.2. Раванди қабули кормандон

Талаботҳои зерин вобаста ба қабули кормандон:

- Омода намудани дастурамалҳои вазифавӣ;
- Омода намудани тестҳои санҷишӣ барои номзадҳо;
- Омода намудани матни эълони ҷойҳои корӣ;
- Шомил намудани ҷойҳои холии корӣ ба сохтори ташкилот ва интихоби кадрҳо;
- Омода кардани тағйирот ба нақшаи корӣ ва буҷет.

Ҷалби захираҳои кадрӣ аз он ҷумла манбаъҳои захираҳои беруна ва ҳам дохилӣ мебошанд. Кормандон ба вазифа дар асоси принсипҳои бетарафӣ ва ошкорбаёнӣ қабул карда мешаванд.

Директори иҷроияи ташкилот дар бораи қабули кормандони нав Фармоиш қабул мекунад. Барои ҳар як ҷойи кории холӣ, бояд эълон дода шавад, ки эълон дорои маълумотҳои мансаби вазифавӣ, ухдадориҳои функсионалӣ, тахассус ва талабот ба таҷрибаи корӣ, тартиби дархост ва зикри муҳлати муроҷиат мебошад.

Эълони берунаи ҷои холии корӣ тавассути таблиғ дар рӯзнома, телевизион, радио, паҳн кардани иттилоот ба ташкилотҳои дигар, барои эълон истифода аз Шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ сурат мегирад.

Кормандоне, ки ихтисосӣ кофӣ доранд ва ба талаботҳои эълони ҷои холии корӣ мутобиқат мекунанд, метавонанд дар озмунҳои ҷои холӣ ширкат намоянд. Барои иштирок дар озмун бояд Ҳолнома дар шакли CV ирсол карда шавад.

Агар кормандони Ташкилот ба талаботҳои озмун мувофиқ бошанд, пас дархости онҳо дар madди аввал омӯхта мешавад. Шахсони масъул оид ба кадр барои ҷамъоварии дархостҳои номзадон масъул мебошанд.

### 4.3. Интихоби кадрҳо аз қадамҳои зерин вобаста мебошад:

- Қадами аввал, Директори иҷроия дархостҳои номзадҳоро дида баромада номзадҳои мувофиқро барои гузаштан аз тест интихоб мекунад;
- Қадами дуюм, номзадҳо аз тестҳои санҷишӣ мегузаранд ва бо онҳое, ки ба холҳои мувофиқ соҳиб шудаанд мусоҳиба гузаронида мешаванд;
- Қадами ниҳоӣ, бастани шартнома бо номзадҳое, ки аз озмун гузаштаанд.

Ҳангоми интихоб кормандони ташкилот, ки ҳамчун номзад дархост супоридаанд, метавонад қадами якум ва дуюмро нагузаранд, ин барои кормандон имтиёз ба ҳисоб меравад.
Саволҳо барои мусоҳиба ва аз он ҷумла талаботҳо барои суҳбат пешакӣ аз ҷониби шахси масъул ва дигар шахсони ваколатдор омода карда мешаванд.
Амали шартномаи меҳнатӣ ҳангоми ба имзо расидани шартнома аз ҷониби корфармо ва кормандон сурат мегирад. Дар ҳолате ки корманд дар вақти муайяншуда бе сабабҳои узрнок ба кор шуруъ нанамояд, дар муддати як ҳафта, шартномаи меҳнатӣ бекор карда мешавад.
Иҷозат барои оғози кор бо фармоиши Директори иҷроия ба расмият даровurда мешавад, ки асос барои ин фармоиш шартномаи баимзорасонидашудаи тарафҳо ба ҳисоб меравад. Нусхаи фармоиш дар парвандаи шахсии корманд ҷой дода хоҳад шуд.

4.4. Ҳар як корманд уҳдадор аст:

- Ба софдилона иҷро намудани вазифаҳои хизматие, ки мувофиқ ба шартномаи меҳнатӣ ба зиммаи ӯ гузошта шудааст;
- Ба риояи меъёрҳои дохилии меҳнат;
- Ба риояи интизоми меҳнатӣ;
- Ба риояи меъёрҳои муқарраршудаи меҳнат;
- Ба риояи ҳифзи меҳнат ва бехатарии меҳнат;
- Нисбати амволи ташкилот ва кормандони дигар ғамхорӣ зоҳир намояд;
- Фавран Роҳбариятро дар бораи пайдо шудани вазъияте, ки ба ҳаёт ва саломатии кормандон, бехатарии амволи Ташкилот таҳдид мекунад хабардор намояд.

4.5. Парвандаи шахсии кормандон

Парвандаи шахсии кормандон бояд дар ҷои бехатар нигоҳ дошта шуда, ҳуҷҷатҳои асосии шартномавиро дар бар гирад (мутобиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, моддаи 26 "Бастани шартномаи меҳнатӣ ва ба расмиятдарории он”):

- шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият;
- дафтарчаи меҳнатӣ ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи фаъолияти меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳои бори аввал ба кор дохил гардидан);
- гувоҳномаи истиқомат ва ё шаҳодатномаи шахси бешаҳрванд (барои шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ истиқомат мекунад), ё шаҳодатномаи шахси гуреза;
- ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот, дониши махсус, дараҷа, ихтисос ё касб барои бастани шартномаи мехнатӣ дар корҳое, ки тибқи Кодекси меҳнатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дониш, малака ва маҳорати дахлдор зарур мебошанд;
- барои уҳдадорони ҳарбӣ - билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи бақайдгирӣ;
- ҳуҷҷати аз муоинаи тиббии пешакӣ гузаштан (барои шахсоне, ки тибқи Кодекси меҳнатӣ ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадоранд аз чунин муоина гузаранд);
- нусхаи гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ;

- маълумотнома оид ба доштан ва ё надоштани доғи судӣ ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ дар корҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди чунин маълумот зарур аст.

4.6. Ғайр аз ҳуҷҷатҳои дар боло зикршуда, инчунин ҳуҷҷатҳои зерин бояд ҳифз карда шаванд:

- ✓ Ариза - дархост;
- ✓ Фармоиш оиди таъин ба вазифа;
- ✓ Шартномаи меҳнатӣ;
- ✓ Дастурамалҳои вазифавии имзошуда;
- ✓ CV ва сертификатҳо;
- ✓ Сурат 3х4.
- ✓ Варақаи шахсии ба ҳисобгирии кадрӣ
- ✓ Варақаи шахсии шакли Т-2
- ✓ Тарҷумаи ҳол
- ✓ Дастурамали мансабӣ
- ✓ Маълумотнома аз ҷои истиқомат

4.7. Талаботҳои навбатӣ

Интихоби кормандон бояд дар асоси дастурамалҳои вазифавӣ шаффоф сурат гирад. Вазифаҳо барои ҷойҳои холии корӣ бояд эълон карда шуда мактуби ҳавасмандӣ ва CV-ии номзад бояд омӯхта шаванд. Танҳо шумораи интихобшудаи номзадҳо барои мусоҳиба ва тестҳои санҷишӣ даъват карда мешаванд. Як ё ду номаи тавсияи номзадҳо бояд тасдиқ карда шавад.
Ҳангоми оғози фаъолият ба корманд бояд дастурамали вазифавӣ супорида шуда ва он бо роҳбарият муҳокима карда шавад. Ҳарду тараф бояд дастурамали вазифавиро ҳамчун қисми таркибии шартномаи меҳнатӣ ҳатман имзо гузоранд.

4.8. Уҳдадорӣ

Пас аз ба имзо расидани шартномаи меҳнатӣ, ки мавқеи кормандро ба танзим медарорад, уҳдадориҳои ӯ, ки дар дастурамали вазифавӣ муфассал навишта шудаанд. Вай бояд тамоми малака ва дониши худро тавсиф кунад. Корманд барои амалҳои ғайриқонунӣ ва бемасъулиятӣ ҷавобгар мебошад. Корманд бояд барои вазифаҳои ба ӯ супурдашуда масъул бошад. Корманд бояд ба роҳбарият бевосита мустақиман дар бораи корношоямӣ ва нуқсони таҷҳизот ва ғайра хабар диҳад.

4.9. Махфият

Кормандон махфиятро нисбати вазифаҳои иҷрошуда, рамзҳои махфии компютерҳо, тафсилоти фаъолияти Ташкилот нигоҳ медоранд. Кормандон низоми махфияти маълумотро ҳатто пас аз ба итмом расидани кор дар Ташкилот риоя мекунанд.

4.10. Шуғл / фаъолият

Ҳамоҳангсози лоиҳа ва Директори иҷроия бояд оид ба иҷрои корҳо иҷозат диҳанд ва дар бораи ҳама гуна корҳое, ки корманди Ташкилот анҷом додааст, ҳисобот гиранд.

Ташкилот барои ҳолатҳои ғайричашмдошт, ки ҳангоми аз ҷониби Корманд иҷро намудани фаъолияте, ки бо кори Ташкилот вобаста намебошад, масъул нест.

4.11. Тухфаҳо

Ба кормандон ва аъзоёни Ташкилот барои гирифтани туҳфаҳои пулӣ ва ё туҳфаҳои дигар ҳангоми иҷроиши вазифаҳои хизматӣ иҷозат дода намешавад.

4.12. Ҳифзи маълумотҳои шахсӣ

Дастрасӣ ба маълумотҳои шахсӣ бояд маҳдуд карда шаванд ва дар вақти зарурӣ корманд метавонад аз маълумотҳои шахсии худ бо иҷозати роҳбарияти Ташкилот истифода барад.

4.13. Озору азияти ҷинсӣ

Озору азияти ҷинсӣ ҳуқуқвайронкунӣ мебошад ва ҳамагуна рафтори хушунатомези хусусияти ҷинсӣ нисбат ба мардон ва занон дар ҷои кор, ки метавонад иззату нафси онҳоро паст занад, манъ карда шудааст. Озору азияти ҷинсӣ метавонад бо роҳҳои гуногун зоҳир шавад: таҳқир, табъизи ҷинсӣ, намоиши маводи порнографӣ ва ғ.

4.14. Истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва маводҳои нашъадор

Ташкилот барои кормандони худ дар вақти корӣ истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва маводҳои нашъадорро манъ менамояд.

4.15. Мухлати санҷишӣ

Дар ташкилот муҳлати санҷишӣ низ пешбинӣ гардида мувофиқ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад. Дар муҳлати санҷишӣ Ташкилот метавонад кормандро бе ягон уҳдадорӣ озод кунад ва дар навбати худ корманд низ метавонад бе ягон уҳдадорӣ аз кор даст кашад. Лекин корфармо бояд сабаби ин амалашро бо таври хаттӣ ва шифоҳӣ иброз намояд, аз он ҷумла ҳангоми дароз намудани муҳлати санҷиши низ ин амал зарур аст. Корманде ки муҳлати санҷиширо хуб гузаронидааст бояд бо таври расмӣ ба кор қабул карда шавад.

4.16. Вақти корӣ ва рухсатиҳо

4.17.1. Вақти корӣ

Вақти корӣ дар як ҳафта 40 соатро ташкил медиҳад. Миқдори вақти корӣ аз рӯи шартномаи меҳнатӣ муқаррар гардида ба корманд мувофиқ ба вазифаи ишғолкардааш вақти корӣ муқаррар карда мешавад. Вақти корӣ бояд ба муддати 60 дақиқа, яъне аз 12:00 то 13:00, барои истеъмоли хӯроки нисфирӯзӣ танаффус эълон карда шавад. Корманд ҳуқуқи талаб намудани вақти барзиёди кориро надорад. Бояд изофакорӣ ҷуброн карда шавад ва мувофиқ ба талаботи қонунгузориаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар имкони додани истироҳат (отгул) набошад бояд бо тариқи молиявӣ ҷуброн гардад.

4.17.2. Рухсатӣ

Мувофиқ ба муқарраротӣ моддаи 93-юми Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон давомнокии рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи камтарин 24 рӯзи

тақвимиро ташкил медиҳад. Рухсатии асосии ҳарсолаи камтарин барои ҳамаи кормандон ба таври ҳатмӣ дода мешавад. Корфармо ҳуқуқ дорад, ки аз ҳисоби маблағҳои худӣ муҳлати давомнокии рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи камтаринро бо тартиб ва шартҳое, ки дар шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ пешбинӣ шудаанд, аз 24 рӯзи тақвимӣ зиёд намояд. Рӯзҳои иди ғайрикорӣ, корношоямии муваққатӣ, инчунин рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд ба рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда дохил намегарданд.

Ҳангоми рост омадани рӯзҳои иди ғайрикорӣ дар давраи рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда давомнокии рухсатии корманд ба шумораи рӯзҳои иди ғайрикорӣ дароз карда мешавад.

Барои муайянкунии музди маоши миёна музди миёнаи якрӯза истифода бурда мешавад. Маблағи миёнаи ҳаррӯза барои пардохти рухсатӣ бо роҳи тақсим кардани ҳамаи маблағҳои воқеан ҳисобшуда дар муддати 12 моҳ ё аз лаҳзаи охирин зиёд шудани маоши вазифаи амалкунанда (ставкаҳо) ба шумораи умумии моҳҳои пеш аз додани рухсатӣ ва ба андозаи 29,3 - миқдори миёнаи моҳонаи рӯзҳои тақвимӣ муайян карда мешавад. Пардохти рухсатӣ бо роҳи зарб задани даромади миёнаи якрӯза ба шумораи рӯзҳои тақвимии ҳисоб карда мешавад.

Агар рухсатӣ дар асоси музди миёнаи моҳона дар давраи аз рӯзи охирин зиёд шудани музди меҳнати вазифавӣ (ставкаҳои тарифӣ) дода шуда бошад, пас ҳангоми ҳисоб кардани музди миёнаи меҳнатӣ ҳамаи пардохтҳои пас аз афзоиш додашуда, инчунин мукофотпулӣ ва дигар пардохтҳо (ба истиснои музди мансабӣ) афзоишҳо ба давраи ҳисоббарор (12 моҳ) дохил карда шудаанд. Мукофотҳои зикршуда, ба истиснои мукофотпулии якдафъаина ва пардохтҳо барои давраи пеш аз афзоиш, ки ба давраи ҳисобкунӣ дохил карда шудаанд, ба андозаи афзоиш тасҳеҳ карда мешаванд.

Ҳангоме, ки агар дар муҳлати ҳисоб пурра кор карда нашудааст, рухсатӣ дар асоси музди миёнаи якрӯза, ки бо роҳи тақсим кардани даромад ба шумораи умумии моҳҳои кор муайян карда мешавад ва ба шумораи рӯзҳои тақвимии рухсатии мутобиқи моддаи 90 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида пардохт карда мешавад.

Рӯзҳои ид, ки ба давраи рухсатӣ рост меоянд ва мувофиқи моддаи 83 Кодекси меҳнатӣ рӯзҳои корӣ нестанд, ҳангоми муайян кардани давомнокии рухсатӣ ба назар гирифта намешаванд.

Ҳангоми ҳисоб кардани давомнокии рухсатӣ мутаносибан ба соати корӣ, давомнокии онҳо бо роҳи тақсим кардани ҳаҷми умумии ҳар як рухсатӣ ба 12 ва зарб ба шумораи моҳҳои пурраи кор муайян карда мешавад. Дар ин ҳолат, изофаҳое, ки ба 15 ва зиёда аз рӯзи тақвимӣ баробаранд, то моҳи наздиктарин ҷамъ карда мешаванд ва камтар аз 15 рӯзи тақвимӣ хориҷ карда мешаванд.

**Мисол:**

Набиева дар муддати 11 моҳ (аз 1 сентябри 2019 то 1 августи 2020 сол) дар Ташкилот фаъолият намуд, ӯ ҳуқуқ ба рухсатии ҳарсолаи пардохтшавандаро дорад. Мувофиқ ба нақшаи рухсатиҳо, Набиева бояд аз 15 сентябр ба рухсатии меҳнатӣ бароянд. Аз он сабаб, ки Ташкилот ҷойи кории асосии Набиева ба ҳисоб меравад рухсатии ӯ 30 рӯзро ташкил медиҳад.

Ҳисоби маблағи рухсатии меҳнатӣ (маблағи ҳисобшуда) бо назардошти андозҳо (нафақа - 1%, андоз аз даромад - 13% ва андози иҷтимоӣ - 25%).

**Ҳисоббаробаркунӣ:**

Ҳисобкунии музди миёнаи Набиева: (2,000 + 400 + 2,000 + 300) / 2 = 2350 / 29,3 = 80,20 сомонӣ. Рухсатии меҳнатӣ: 80,20 сомонӣ * 30 рӯз = 2406 сомонӣ. Маблағи ҳисобшуда: 2406 сомонӣ. Андози нафақа: 2406 сомонӣ * 1% = 24.06 сомонӣ. Андози даромад = (2406 сомонӣ-2406-140) * 13% + 7.2 = 298.65 сомонӣ. Андози иҷтимоӣ - 25%: 601,50 сомонӣ.
Маблағе, ки ба Набиева бояд пардохта шавад: 2083,29 сомонӣ.

4.17.3. Рӯзҳои идии ғайрикорӣ

Давомнокии вақти кории ҳаррӯза (баст) дар арафаи рӯзҳои иди ғайрикорӣ (моддаи 89 Кодекси меҳнатӣ) барои ҳамаи кормандон на камтар аз як соат кӯтоҳ карда мешавад.

Рӯзҳои идии ғайрикорӣ мувофиқ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст:

- 1 январ - Соли нав;
- 8 март - Рӯзи Модар;
- 21-24 март - Иди байналмилалии Наврӯз;
- 9 май - Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ;
- 27 июн - Рӯзи Ваҳдати миллӣ;
- 9 сентябр - Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- 6 ноябр - Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Рӯзи иди Рамазон - ҳар сол дар рӯзе, ки аз тарафи мақоми ваколатдори *давлатӣ оид ба* дин муқаррар карда мешавад;
- Рӯзи иди Қурбон - ҳар сол дар рӯзе, ки аз тарафи мақоми ваколатдори *давлатӣ оид ба* дин муқаррар карда мешавад.

4.17.4. Рухстиҳои иҷтимоӣ, барои ҳомиладорӣ ва таваллуд ва барои нигоҳубини кӯдак

Мувофиқ ба муқаррароти моддаи 223 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷкистон "Рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд", ба занони ҳомила дар асоси варақаи корношоямии бо тартиби муқарраргардида додашуда пеш аз таваллуд ҳафтод рӯзи тақвимӣ ва баъд аз таваллуд низ ҳафтод (дар ҳолати таваллуди мушкил ҳаштоду шаш, таваллуди ду ва ё зиёдаи кӯдак - яксаду даҳ) рӯзи тақвимӣ рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд дода, кӯмакпулӣ аз ҳисоби суғуртаи давлатии иҷтимоӣ пардохт карда мешавад.

Ба занон рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, новобаста аз рӯзҳои истифодаи воқеӣ то таваллуд ва давомияти кор дар ташкилот дар маҷмӯъ пурра ҳисоб карда, дода мешавад.

Илова бар ин, мувофиқ ба моддаи 224 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷкистон "Рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак", баъд аз ба охир расидани рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд бо хоҳиши зан барои нигоҳубини кӯдак то ба як солу шашмоҳагӣ расидани ӯ рухсатӣ дода, дар ин давра аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ кумакпулӣ дода мешавад. Кӯмакпули аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо пардохт карда мешавад. Нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои соли 2021 - 60 сомониро ташкил медиҳад.

Баъд аз ба охир расидани рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд бо хоҳиши зан барои нигоҳубини кӯдак то ба як солу шашмоҳагӣ расидани ӯ рухсатӣ дода, дар ин давра аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ кумакпулӣ дода мешавад.

Барои нигоҳубини кӯдак то ба се солагӣ расидани ӯ рухсатии бемузд бо хоҳиши кормандони зерин дода мешавад:

- бо интихоби падару модар - ба модар ё ки ба падари кӯдак;
- ба падар ё модари танҳое, ки кӯдакро тарбия менамояд;
- бибӣ, бобо, дигар намояндаи қонунии кӯдак, ки кӯдаки бепарастории падару модар мондаро, тарбия мекунанд;
- ба корманд, ки кӯдаки навтаваллудшударо ба парасторӣ (фарзандхондӣ) гирифтааст.

Рухсатии бе нигоҳ доштани музди меҳнат барои нигоҳубини кӯдак то расидан ба се солагӣ метавонад пурра ё қисман дар асоси аризаи хаттии корманд, аз рӯи интихоби ӯ истифода карда шавад.

Бо хоҳиши зан ё шахсоне, ки дар боло қайд карда шуд, ҳангоми дар рухсатии нигоҳубини кӯдак будан, онҳо метавонанд рӯзи нопурраи корӣ ё дар хона кор карда, аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ кумакпулӣ гиранд.

Дар вақти рухсатии бе нигоҳ доштани музди меҳнат барои нигоҳубини кӯдак то расидани ӯ ба се солагӣ ба корманд ҷойи кор (мансаб) нигоҳ дошта мешавад.

Вақти рухсатии бе нигоҳ доштани музди меҳнат барои нигоҳубини кӯдак то расидан ба сесолагӣ ба собиқаи меҳнатии умумӣ, бетанаффус ва аз рӯи ихтисос дохил карда мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад.

Корманд уҳдадор аст, як моҳ пеш аз оғози кор корфарморо дар бораи хоҳиши ба кор баромадан то тамом шудани рухсатии бемузд барои нигоҳубини кӯдаки то се сола огоҳ намояд.

Илова бар ин дар асоси моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ” ҳангоми таваллуди кӯдак дар оила кӯмакпулии оилавии зайл пардохта мешавад:

– кӯмакпулии яквақта бинобар таваллуди кӯдак;
– кӯмакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак.

Кӯмакпулии яквақта бинобар таваллуди кӯдак ба андозаи зерин таъин карда мешавад:

– ҳангоми таваллуди кӯдаки якум — ба андозаи се нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
– ҳангоми таваллуди кӯдаки дуюм — ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
– ҳангоми таваллуди кӯдаки сеюм ва зиёда — ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Кӯмакпулӣ дар ҷои корӣ (таҳсилӣ) яке аз волидайн, агар падару модар кор ё таҳсил накунанд — аз ҷониби шуъбаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии маҳалли истиқомат пардохта мешавад.

Кӯмакпулии яквақта ҳангоми таваллуди кӯдак аз рӯзи таваллуди кӯдак таъин ва пардохта мешавад, агар муроҷиат барои гирифтани он на дертар аз шаш моҳи пас аз рӯзи таваллуди кӯдак сурат гирифта бошад.

Дар сурати додани рухсатӣ ба зан барои нигоҳубини кӯдак то ба синни якуним солагӣ расидани он барои ин мӯҳлат дар ҷои кор аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ ба

андозаи 100 фоизи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба ӯ кӯмакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак пардохта мешавад.

4.17.5. Кӯмакпулӣ ҳангоми корношоямии муваққатӣ

Ҳангоми беморӣ (ҷароҳат бардоштан), ки бо гум кардани қобилияти корӣ вобаста аст, дар вақти зарурати нигоҳубини узви бемори оила, карантин, протезгузорӣ кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ пардохта мешавад.

Кӯмакпулӣ барои короношоямии мувваққатӣ ба андозаи зайл пардохт карда мешавад:

- ❖ 100 фоиз музди меҳнат;
- – ба кормандон ҳангоми бардоштани осеби меҳнатӣ ё бемориҳои касбӣ;
- – ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки кор мекунанд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда;
- – ба кормандоне, ки аз минтақаи олудаи радиоактивӣ дар натиҷаи садамаи Чернобил ва минтақаҳои ба онҳо баробаркардашудаи офатҳои табиӣ ҳангоми гирифтор шудан ба бемориҳои узвҳои ҳосилкунандаи хун (лейкози шадид), ғадуди сипаршакл (аденома, саратон), варамҳои хатарнок кӯчонида шудаанд.
- ❖ 70 фоизи музи меҳнат:
- – ба кормандоне, ки собиқаи меҳнатии бефосилаи ҳаштсола ва беш аз он доранд;
- – ба кормандоне, ки таҳти сарпарастии худ се ва ё бештар фарзандони то 16-сола (ё хонандагони то 20-сола) доранд;
- – ба кормандони ятим, ки ба сини 23 нарасидаанд.
- ❖ 60 фоизи музди меҳнат:
- – ба кормандоне, ки собиқаи меҳнатии бефосилаи то ҳаштсола доранд.

Агар корманд дар давраи кор, дар роҳ ҳангоми ба кор омадан, ҳамчунин ҳангоми аз кор ба хона рафтан, аз ҷумла рӯзи аз кор озод карда шуданаш муваққатан корношоям гардида бошад, ба гирифтани кӯмакпулӣ ҳақ дорад.

Кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ то барқарор гардидани қобилияти меҳнатӣ, вале ба муддати на зиёдтар аз чор моҳи бемории пай дар пай ва ҳангоми мубталои касалии сил будан ба муддати на бештар аз дувоздаҳ моҳ дода мешавад ва баъди ин кормандро барои муқаррар кардани маъюбӣ ба Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ мефиристанд.

Кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ аз рӯи ҳисоби якмоҳа назар ба андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, кам буда наметавонад.

Барои таъини кӯмакпулӣ барои корношоями муваққатӣ варақаи корношоямӣ (варақаи беморӣ), ки тибқи тартиби муқарраршуда дода шудааст, асос буда метавонад. Дар сурати гум кардани варақаи корношоямӣ кӯмакпулӣ тибқи нусхаи он (дубликат) пардохта мешавад.

Муайян кардани ҳаҷми собиқаи бефосилаи корӣ мутобиқи қоидаҳои ҳисобу китоби собиқаи бефосилаи кории кормандон ҳангоми таъини кӯмакпулиҳо оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, аз рӯзи фарорасии корношоямӣ ҳисоб карда мешавад.

Тартиби таъин ва пардохти кӯмакпулиҳо оид ба корношоямии муваққатӣ дар корхонаҳо тибқи асноди меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Шахсони суғурташуда аз ҷумлаи соҳибкорони инфиродӣ тибқи тартиби умумӣ ба кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ҳуқуқ доранд. Кӯмакпулӣ ба шахсони мазкур ҳангоми пешниҳоди эъломияи суғуртаи иҷтимоӣ ба тариқи баҳисобгирии маблағи кӯмакпулии ба онҳо таалуқдошта ба ҳисоби саҳмҳои пардохтшавандаи суғурта пардохта мешавад.

Мисол:

Нозим Ҳамоҳангсози лоиҳа дар ассотсиатсия мебошад. Дар оғози моҳи январ ӯ бемор мешавад ва ба бемористон муроҷиат мекунад, ки ба ӯ 4 рӯза реҷаи хобро тавсия медиҳанд. Нозим дар рӯзҳои душанбе, сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе ин тавсияро иҷро намуда рӯзи ҷумъа ба фаъолият шуруъ намуд. Нозим ба муҳосиби ташкилот барои гирифтани кӯмакпулии якваќта барои корношоями муваққатӣ бо варақаи корношоямӣ муроҷиат менамояд. Музд маоши Нозим 3000 сомонӣ мебошад. Дар моҳи январ 21 рӯзи корӣ буд. Таҷрибаи кории Нозим 10 сол аст.

Ҳисоб:

3000 сомони/ 21 * 70% * 4 рӯз = 400 сомони, кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ аз фонди иҷтимоӣ 25% пардохт карда мешавад.

Музди меҳнат.

Музди меҳнати корманд дар Ҷадвали штатии Ташкилот ва шартномаи меҳнатии корманд пешбинӣ шудааст. Маоши корманд бояд 1% пардохт ба ҳифзи иҷтиомии кормандон (ФСЗН) ва 13% андоз аз даромадро пешбинӣ намояд. Аз он ҷумла мувофиқ ба Фармоиши Директори иҷроия, ба кормандон мукофотпулиҳо дода шавад, масалан: бахшида ба Иди Наврӯз ё Рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки андозҳои дар боло қайдшуда инро низ дарбар мегирад. Ташкилот 25% андози иҷтимоиро пардохт менамояд. Музди маоши кормандони Ташкилот баъди ситонидани ҳамаи андозҳо ба кортҳои шахсии корманд пардохта мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ, пардохт тавассути хазина ба роҳ монда мешавад.

Мисол:

Корманди Ташкилот музди маош барои моҳи марти 2020 - 3000 сомонӣ. Ташкилот ҷойи кори асосии ӯ ба ҳисоб меравад.

Ҳисоби ҳармоҳаи музди маош бояд чунин бошад:

Маблағ барои пардохт: 3,000.00 сомонӣ

Тарҳи пардохт барои нафақа: 3,000*1%= 30 сомонӣ.

Ҳисоби андоз аз даромад (мувофиқ ба моддаи 103 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон):

3,000-30=2,970 (тарҳи 1% пардохт барои нафақа)

2,970-140=2,830 (музди зиёда аз 140 сомонӣ, зарб мешавад ба 8%)

2,830*13%=367.9 сомонӣ.

(140-50 тарҳи индивидуалӣ) * 8% = 7.2 сомонӣ
367.9+7.2=375.10 сомонӣ – маблағи андоз аз даромад.
*Маоши пардохтшаванда: 3,000-30-375,10 = 2,594.90 сомонӣ.*
Андози иҷтимоӣ 25%: 3,000*25%=750 сомонӣ (моддаи 212 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон).

4.17. Зиёднамоии музди меҳнат

Афзоиши маоши кормандони Ташкилот аз буҷаи лоиҳаҳо вобаста мебошад. Вобаста аз таҷриба ва дастовардҳои онҳо дар фаъолият музди меҳнати баъзе коргаронро зиёд кардан мумкин аст. Баланд бардоштани музди кор тартиби ҳатмӣ надошта вобаста аз ҳолати молиявии Ташкилот мебошад. Ҳар гуна афзоиши музди меҳнат бояд бо Директори иҷроияи Ташкилот баррасӣ карда шавад.

4.18. Масъулият оид ба андози кормандон

Ташкилот бояд Кодекси андоз ва Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба андозбандии кормандон риоя кунад. Агар аз Ташкилот талаб карда шавад, ки андозро аз даромади кормандон нигоҳ дорад. Тарҳҳо бояд дар ҳисоботи андоз ва ҳисоботи даромадҳои моҳона инъикос ёбанд.

4.19. Шикоят

Агар корманд шикоят ё ягон масъала дорад, ӯ бояд бевосита ба роҳбари худ ё Директори иҷроияи ташкилот муроҷиат кунад. Роҳбар бо корманд ҳаматарафа ин масъаларо омӯхта ба натиҷае ки ба ҳардутараф мусоид мебошад, ояд. Ҳангоми бо таври индивидуалӣ дарёфт накардани ҳалли масъала бояд ин масъала дар байни гуруҳи махсуси ташкилшуда дида баромада шавад.

4.20. Равандҳои чораҳои интизоми меҳнат

Ҳар як корманд барои фаъолияти худ дар Ташкилот бояд шартҳои зеринро иҷро намоянд:

- Риояи Сиёсати мазкур;
- Иҷроиши дурусти вазифаҳои дар уҳдадошта.
- Сатҳи баланди касбият, хушмуомилагӣ ва омодагӣ ба ҳамкорӣ бо дигар аъзои Ташкилот, ҳамкорон ва аҳолӣ.

Ҳамагуна вайронкуниҳои Сиёсат тафтиш карда мешаванд. Роҳбарияти ташкилот ба чунин шахсон, мувофиқ ба Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазоҳои интизомӣ пешбинӣ менамоянд ва барои пешгирии чунин ҳолатҳо чораҳо меандешад. Метавонад ҳангоми вайронкунии сиёсат шартномаи меҳнатии ин корманд қатъ карда шавад. Роҳбарият ҳар як вайронкуниро ба қайд мегирад.

Лекин бисёри ҳолатҳо бо чунин тавр ҳал карда мешавад:

1) Сарзаниш
2) Танбеҳ
3) Танбеҳи қатъӣ

4) Аз кор озод намудан (Қатъи шартномаи меҳнатӣ)

1) Аз кор озод намудан:

- барои иҷро накардани вазифаҳои дар шартномаи меҳнатӣ пешбинишуда ё тибқи фармоиши дохилӣ аз ҷониби корманд айбдоршаванда, агар ба корманд аллакай огоҳӣ дода шуда бошад;
- ба кор ҳозир нашудан (аз он ҷумла дар давоми рӯзи кори зиёда аз се соат ҳозир набудан) бидуни сабаби узрнок;
- дар утоқи корӣ, зери таъсири маводи мухаддир ва ё дар ҳолати мастӣ;
- дуздӣ дар ҷои кор, ки бо қарори суд муайян карда шудааст;
- ягона вайронкунии дағалонаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- вайронкунии кормандоне, ки барои ашёи молиявӣ ва арзишманд масъуланд ва ба нобоварӣ аз ҷониби корфармо асос медиҳанд.

Корманд мунтазам вайронкунии интизоми меҳнатро содир мекунад, ки дар вайрон кардани интизоми меҳнат дар давраи огоҳии интизомӣ гунаҳгор дониста мешавад.

- Вайронкунии дағалонаи интизоми меҳнат ба ҳисоб меравад:
  - ҳозир шудан дар коргоҳ дар ҳолати мастӣ ё майзадагӣ,
  - прогулҳои бе сабабҳои узрнок (аз ҷумла зиёда аз се соат дар ҷои корӣ дар давоми рӯзи корӣ),
  - қасдан вайрон кардан ё дуздии моликияти Ташкилот.
  - вайрон кардани чораҳои бехатарӣ, бехатарӣ аз сӯхтор, ки ба оқибатҳои вазнин, аз ҷумла ҷароҳат, садама ва илтиҳоб оварда мерасонанд.

Истифодаи чораҳои интизомӣ, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда нашудаанд, манъ аст. Корманд бояд пеш аз татбиқи ҷазои интизомӣ баёноти хаттӣ пешниҳод кунад. Радди корманд аз додани тавзеҳ монеаи огоҳӣ ҳисобида намешавад. Дар сурати ҷарима, бояд андозаи хатогӣ, вазъият ва таҷрибаи қаблии корманд ба назар гирифта шавад. Ҳар як иштибоҳ метавонад танҳо як ҷазоро ба бор орад.

Фармоиш ё қарор дар бораи масъулияти интизомӣ бояд ба корманд ҳангоми гирифтани он пешниҳод карда шавад. Аз ҷазои интизомӣ бо тартиби барои баҳсҳои меҳнатии фардӣ пешбинишуда шикоят кардан мумкин аст.

Мухлати ҷазои интизомӣ набояд аз як соли пас аз пешниҳоди он зиёд бошад.
Қадамҳо барои ҷазодиҳӣ дар Ташкилот:

**Қадами 1: Сарзаниш**

Одатан, сарзаниш аввалин амали расмиест, ки нисбати корманд барои риоя накардани талабот, шароит ё дигар қоидаҳои кор қабул карда мешавад. Ин қадам дар сурати вайрон кардани қоидавайронкуниҳои ҷиддӣ татбиқ нахоҳад шуд. Шахси масъул ҳодисаро дар шакли хаттӣ сабт менамояд ва нусхаи сарзаниш ба корманд пешниҳод карда мешавад. Корманд бояд барои тасдиқи ин амал имзо гузорад. Нусхаи санади Корфармо оид ба татбиқи сарзаниш ба парвандаи шахсии корманд дохил карда мешавад.

**Қадами 2: Танбеҳ ва танбеҳи қатъӣ**

Додани танбеҳ бояд дар сурате истифода шавад, ки огоҳии шифоҳӣ ва сарзаниши хаттии қаблӣ натиҷаҳои зарурӣ надода бошанд ва / ё амалҳои қавитар аз нишондоди дар боло зикршуда талаб карда шаванд. Танбеҳ бояд пас аз ба роҳбарият расидани ҳодиса дода шавад. Сарзаниши хаттӣ дар тӯли 6 (шаш) моҳ амал мекунад. Шахси масъул ҳодисаи ба танбеҳ овардашударо дар шакли хаттӣ сабт мекунад. Нусхаи танбеҳ бояд ба корманд дода шавад. Нусхаи санади Корфармо оид ба таъини танбеҳ ба парвандаи шахсии корманд ҳамроҳ карда мешавад.

**Шаг 3: Аз кор озодкунӣ/ қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ**
Аз кор озод кардан/ қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ танҳо дар он ҳолат татбиқ карда мешавад, ки чораҷӯиҳои пешина натиҷа надоданд. Баъд аз таҳқиқи ҳаматарафаи ҳолати содиршавии қоидавайронкунӣ Директори иҷрояи Ташкилот ҳуқуқи қатъ кардани шартномаро пайдо мекунад ва он бояд ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ бошад.

- Рӯйхати намунавӣ дар бобати қоидавайронкуниҳо дар Ташкилот:

- иҷрои пасти кор;
- саркашӣ;
- зуд-зуд прогул кардан;
- вақти нокифоя дар ҷои кор;
- вайрон кардани тозагӣ дар ҷои кор;
- вайрон кардани қоидаҳои барои тартибот, интизом ё саломатӣ пешбинишуда;
- дар ҳолати хуб нигоҳ надоштани таҷҳизот ё ҷои кор;
- вайрон кардани қоидаҳои марбут ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳ;
- хунукназарӣ;
- рафтори беэҳтиромӣ;
- насупоридани ҳисоботҳои барномавӣ ва ҳам молиявӣ дар вақти қаблан муайяншуда;
- истифодаи калимаҳои таҳқиромез;
- хунукназарӣ ва риоя накардани қоидаҳои бехатарӣ ва гигиена;
- вайрон кардани танбеҳ / огоҳии хаттӣ;
- дидаю duниста беэътиноӣ ба қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт;
- риоя накардани расмиёти дар шароити хидмат муқарраршуда;
- гирифтани пули нақд ё тухфаҳо аз муштариён ё ҳамкорон (филиалҳо, намояндагиҳо);
- хоб дар вақти корӣ;
- сӯиистифода аз машрубот ва / ё дигар маводи мухаддир дар вақти корӣ;
- тамокукашӣ дар ҷойҳое, ки аломатҳои тамокукашӣ нестанд;
- саркашӣ аз иҷрои ҳама гуна амри роҳбари бевосита ё ташвиқ кардани дигар кормандон ба рад кардани иҷрои амалҳо;
- мубориза, ҳамла ё тарсондани кормандони дигар;
- доштани силоҳи оташфишон ё дигар силоҳи хатарнок бидуни иҷозат;
- дар ришваситонӣ ва ё кӯшиши пора гунаҳгор будан;
- ворид кардани тағироти беиҷозат ба ҷадвал;
- гузоришҳои бардурӯғ дар бораи ҳузур надоштан бо сабаби беморӣ ё садама;
- дуздӣ ё қаллобӣ ё кӯшиши дуздӣ исбот карда шудааст;

- истифодаи зӯроварӣ ё ташвиқи кормандони дигар ба зӯроварӣ;
- зарари барқасдона, беэътиноӣ ё нобудсозии амволи Ташкилот, асбобҳо, техникаҳо ва ғайра;
- ташкили маҷлисҳои беиҷозат;
- додани ашёи махфӣ ба шахсони берун аз Ташкилот бе иҷозати роҳбарият;
- истифодаи маълумоти махфӣ бо мақсадҳои шахсӣ;
- тарки ҷои кор, аз ҷумла беш аз се соат дар ҷои кор бе сабабҳои узрнок ҳузур надоштан.

4.21. Қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ бо корманд бо фармоиши Директори иҷроияи Ташкилот сурат мегирад. Дар Ташкилот якчанд шаклҳои қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ шудааст:
- бо созиши тарафҳо;
- бо ташаббуси корманд;
- бо ташаббуси корфармо;
- бо гузаштани мухлат;
- бо ҳолатҳои ба иродаи тарафҳо вобастанабуда;
- гузаштани корманд ба кори (вазифаи) интихобӣ ё таъйин намудани ӯ ба вазифае (мансабе), ки имконияти давом додани муносибатҳои меҳнатиро истисно менамояд, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шартномаи меҳнатӣ бо корманд дар сурате анҷомдодашуда ҳисобида мешавад, ки агар мухлати шартнома бо Ташкилот тамдид нашуда бошад. Ин намуди муносибатҳои ҳуқуқӣ бо фармоише ба расмият дароварда мешаванд, ки асосаш ба охир расидани мухлати шартнома мебошад, яъне қатъ кардани муносибатҳои меҳнатӣ мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4.21.1. Бо ташаббуси корманд: (бо хоҳиши худ).
Ҳар як корманд ҳуқуқ дорад шартномаи меҳнатии барои мухлати муайян басташударо пеш аз мухлат бекор кунад ва дар ин бора корфарморо ду ҳафта пеш ба таври хаттӣ хабардор намояд. Пас аз гузаштани мухлати огоҳинома, корманд ҳуқуқ дорад фаъолияти худро хотима диҳад ва корфармо вазифадор аст ба корманд дафтарчаи меҳнатиро супорад ва бо ӯ мутобиқ ба талаботҳои Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоббаробаркунӣ намояд.

4.21.2. Шартномаи меҳнатӣ дар Ташкилот бо ташаббуси корфармо метавонад бо асосҳои зерин бекор карда шавад:
- барҳам хӯрдани ташкилот ё қатъ гардидани фаъолияти корфармо - шахси воқеӣ ва ё ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории кормандон;
- қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бинобар иваз шудани соҳибмулк, ҳангоми ошкор гардидани номувофиқатии корманд ба вазифаи (мансаби) ишғолкардааш ё кори иҷро мекардааш дар натиҷаи нокифоягии ихтисос ё вазъи саломатиаш, ки барои давом додани ҳамин кор халал мерасонад, агар ин номувофиқатии корманд дар натиҷаи аттестатсия ва ё дар асоси хулосаи тиббӣ тасдиқ шуда бошад;

- бе сабабҳои узрнок уҳдадориҳои меҳнатиро, ки шартномаи меҳнатӣ ё қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ба зиммаи корманд гузоштааст, мунтазам иҷро накардани ӯ, агар ба корманд пештар чораҳои ҷазои интизомӣ татбиқ шуда бошанд;
- бе сабабҳои узрнок ба кор ҳозир нашудан, аз ҷумла дар давоми рӯзи корӣ зиёда аз 3 соат набудан дар ҷойи кор;
- ҳозир нашудан ба кор дар давоми бештар аз чор моҳи бефосила дар натиҷаи корношоямии муваққатӣ, бе ҳисоб кардани рухсатии давраи ҳомиладорӣ ва таваллуд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳлати аз ин зиёдтари нигоҳ доштани ҷойи корро (вазифаро) ҳангоми бемории муайян муқаррар накарда бошад. Ба кормандоне, ки бо сабаби осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ қобилияти меҳнатиашонро гум кардаанд, то барқарор шудани қобилияти меҳнатӣ ё муқаррар гардидани маъюбӣ ҷойи кор (вазифа) нигоҳ дошта мешавад;
- дар ҳолати мастӣ бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда ҳозир шудан ба кор;
- ба қувваи қонунӣ даромадани қарори мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба дуздии молу мулк ва дигар кирдорҳое, ки давом додани корро истисно менамоянд;
- аз тарафи корманд содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои дорои хусусияти коррупсионӣ, ки дар асоси санади судӣ имконияти минбаъд давом додани корро истисно менамоянд;
- аз тарафи корманд давом додани иштирок дар корпартоӣ баъд аз ба маълумоти ӯ расонидани қарори суд дар хусуси ғайриқонунӣ эътироф намудани корпартоӣ ва ё манъи корпартоӣ;
- қатъ гардидани иҷозати корманд ба сирри давлатӣ дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- аз тарафи роҳбари мақомоти иҷроияи корфармо, муовини ӯ ва ё роҳбари сохтори корфармо вайрон намудани уҳдадориҳои меҳнатӣ, ки боиси расонидани зарари моддӣ ба корфармо гардидааст;
- рад кардани аз муоинаи тиббӣ гузаштан барои муқаррар намудани воқеияти дар ҳолати мастӣ бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда қарор доштан;
- аз тарафи корманд вайрон намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ё бехатарӣ аз сӯхтор ва ё ҳаракат дар нақлиёт, ки боиси оқибатҳои вазнин, аз ҷумла ҷароҳат ва садама гардидаанд ё метавонад гарданд;
- аз тарафи корманд фош намудани маълумотҳои дорои сирри давлатӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда, ки ба ӯ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ маълум шудаанд;
- қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ бо шахси дар ду ё якчанд ҷой коркунанда бинобар қабули шахсе, ки дар ду ё якчанд ҷой кор намекунад, инчунин вобаста ба маҳдуд гардонидани кор дар якчанд ҷой, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст;
- вайронкунии дағалонаи якдафъаинаи Кодекси меҳнатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби роҳбари ташкилот (воҳидҳои алоҳидаи он) ва муовини ӯ;

- аз ҷониби корманде, ки бо дороиҳои пулию молӣ бевосита кор мекунад, содир намудани кирдори зиддиҳуқуқие, ки барои нисбат ба ӯ гум шудани боварии корфармо асос мегардад;
- аз ҷониби корманде, ки вазифаҳои тарбиявиро иҷро менамояд, содир кардани рафтори бадахлоқона, ки барои давом додани он кор мувофиқ намебошад;
- пешниҳоди маълумоти нодуруст, ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ва риоя накардани дигар қоидаҳои муқаррарнамудаи Кодекси меҳнатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми қабул ба кор;
- манфӣ будани натиҷаи кор дар давраи муҳлати санҷиш ҳангоми ба кор қабул намудан.

Корманд бояд на дертар аз як моҳи пеш аз қатъи шартномаи меҳнатӣ бо Ташкилот ба таври хаттӣ огоҳӣ дода шавад (мутобиқи Кодекси меҳнати Тоҷикистон).

4.21.3. Ҳолатҳое, ки аз иродаи тарафҳо вобаста нестанд.

Дар сурати бемории вазнини корманд ва имконнопазирии иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ дар асоси хулосаи комиссияи тиббӣ, бо ин корманд шартномаи меҳнатӣ қатъ карда мешавад. Ҳамзамон, Ташкилот вазифадор аст, ки барои ба расмиятдарории нафақа бо сабаби маъюбият ва пардохти ҷуброне, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ" пешбинӣ кардааст, ба корманд ҳамаҷониба мусоидат намояд.

Дар ҳолати фавти корманд, ба хешовандони ӯ пас аз пешниҳоди ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ андозаи музди меҳнати пардохтнашуда пардохт мешавад. Хешовандони корманди фавтида ҳуқуқи ҷуброни маросими дафнро доранд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

4.22. Тартиби азкор озодкунӣ

Ҳангоми азкор озодкунӣ, навобаста аз сабаб, корманд вазифадор аст баргардонад:

- ҳама амволи ба номи ӯ сабтшуда, ки моликияти Ташкилот мебошад;
- ҳама ҳуҷҷатҳои расмӣ, ки дар ихтиёрӣ ӯ буданд;
- шаҳодатномаи корманди Ташкилот.

Дар рӯзи аз кор озодкунӣ, корманд бояд варақаи гардишро пур (Обходной лист) кунад (дар замима), то ки дар назди Ташкилот ягон қарз надоштанашро тасдиқ кунад ва ба корманди масъули кор бо кадрҳо супорад, пас аз он ба корманд дафтарчаи меҳнатии ӯ дода мешавад.

## 5. МАХФИЯТ

5.1. Ҳангоми фаъолият, ба корманд маълумотҳои гуногуни дорои сирри Ташкилот ва сирри шахсии кормандон ва роҳбарияти ӯ эҳтимол аст дастрас гардад. Ҳамчунин маълумот дар бораи муштариён (бенефитсиар) ва фаъолияти онҳо, натиҷаҳои молиявии ташкилот, нақшаҳо, стратегияҳо, ҳуҷҷатҳои корӣ, методология ва расмиёт, шартномаҳо, мукофотҳои кормандон, маълумоти шабеҳ дар бораи шарикони Ташкилот ба корманд дастрас мегарданд ва онҳо маълумотҳои махфии Ташкилот баҳисоб мераванд.

5.2. Кормандон ҳуқуқ надоранд, ки маълумоти махфиро ба шахсони сеюм фош кунанд, онҳо бояд чораҷӯиҳо намоянд то ки ифшои маълумоти махфиро пешгирӣ намоянд. Ғайр

аз он, ба кормандон иҷозат дода намешавад, ки шахсан, тавассути телефон ё хаттӣ ба шахсони бегона дар бораи музди меҳнат, соати кор, суроғаи хона, телефони хона, баҳогузории фаъолияти дигар кормандон ё кормандони собиқ маълумот диҳанд.

5.3. Корманде, ки ин талаботҳоро вайрон мекунад, ба ҷавобгарии интизомӣ ва аз ҷумла ба дигар ҷавобгариҳое ки қонунгузорӣ муайян кардааст кашида шавад.

## 6. ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ КОРМАНДОН

6.1. Ташкилот иштироки кормандро дар вохӯриҳо касбӣ, тренингҳо, семинарҳо, курсҳои махсус барои баландбардории савияи дониш ва сайқалдиҳии маҳоратҳои ӯ ҳамаҷониба дарстгирӣ менамояд.

## 7. САФАРҲОИ ХИЗМАТӢ

7.1. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарҳои хизматиро пешбинӣ менамояд. Сафари хизматӣ пешакӣ тибқи вазифаҳои корманд, ки аз ҷониби Директори иҷроияи Ташкилот тасдиқшудааст ба нақша гирифта мешавад. Хароҷоти сафар аз ҳисоби Ташкилот рӯйпӯш мегардад. Хароҷоти сафар, инчунин хароҷоти ҳуҷра ва хӯрокхӯрӣ ё дигар хароҷоти иловагии марбут ба сафари хидматиро дар бар мегирад. Ҳангоми сафар ба кишварҳои дигар, суғуртаи тиббӣ бояд ба назар гирифта шавад. Барои сафарҳои хизматӣ бояд намуди арзонтарини сафар интихоб карда шавад (масалан, парвозҳо ба тайёра дар шакли "эконом").

Хароҷоти истиқомат ҳангоми пешниҳоди квитансияҳо оид ба пардохти маблағи истиқомат дар меҳмонхона ҷуброн карда мешавад.

7.2. Барои ҷуброни ҳисоботҳои корманди Ташкилоти барои ҳар рӯзи будани корманд дар сафар, ҳаррӯза пардохт мешавад:

1) дар мамлакатҳои дур ва наздики хориҷа – бо андозаи на кам аз 55 доллари ИМА;

2) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ш. Душанбе аз 120 сомонӣ то мувофиқи буҷаи лоиҳа, дар Марказҳои вилоятӣ ва ноҳиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 80 сомонӣ то мувофиқи буҷаи лоиҳа ва дар дигар нуқтаҳои аҳолинишин аз 40 сомонӣ то мувофиқи буҷаи лоиҳа. Хароҷоти рӯзмарра ба андозаи ченаки асъори хориҷӣ аз рӯи қурби Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи пардохт муайян карда мешавад.

Маблағи хароҷот тариқи зайл муайян карда мешавад: хӯроки субҳ – 20%, хӯроки нисфирӯзӣ – 30%, хӯроки шом – 35% ва дигар хароҷот – 15% аз маблағи умумии хароҷоти рӯзмарра.

7.3. Сафари хизматӣ бо фармоиш бо нишон додани таъинот, номи ташкилоте, ки корманд ба он фиристода мешавад, вақт ва мақсади сафар тартиб дода мешавад.

Барои ба сафари корӣ фиристодани корманд бояд шаҳодатномаи сафари хизматӣ ва хароҷотҳои сафари хизматӣ пешакӣ дода шавад.

7.4. Талабҳо барои пӯшонидани хароҷоти дар давоми зиёда аз 30 рӯзи тақвимӣ пешниҳоднашуда пардохта намешаванд.

Ҳама ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда бояд ба сармуҳосиб ё шахси дигари ваколатдор пешниҳод карда шаванд. Дар сурати пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо дар бораи хароҷоти буду бош, танҳо 50% ҷуброн карда мешавад.

## 8. ХАРОҶОТҲОИ ДИГАР

8.1. Ҳама гуна хароҷотҳои ғайринақшавӣ бояд асоснок бошанд ва баъд аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ чунин хароҷотҳо ҷуброн карда мешаванд.

## 9. ТАВСИЯНОМА

9.1. Корманд ҳангоми аз кор рафтан ҳуқуқи гирифтани тавсияномаи мусбиро (дар ҳолате, ки фаъолияти ӯ мусбӣ арзёбӣ гардад) дорад. Тавсиянома аз ҷониби Директори иҷроияи Ташкилот дода мешавад ва дар он маълумот дар бораи мухлати фаъолият дар Ташкилот, вазифа, баҳо додан ба фаъолияти ӯ ҳамчун муттахассис, инчунин хислати маънавӣ ва қобилияти якҷоя кор кардан дар гуруҳ ва сабаби аз кор рафтани ӯ қайд карда мешавад.

## 10. СИЁСАТИ ЗИДДИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ТАШКИЛОТ

10.1. Ҳама гуна намудҳои зӯроварӣ дар ҷои кор ғайриқонунӣ буда, сиёсати Ташкилотро вайрон мекунад. Ҳама, аз он ҷумла роҳбарон ва дигар кормандони Ташкилот уҳдадоранд, ки ҷои кореро таъсис диҳад, ки дар он табъиз мавҷуд набошад ва ҳеҷ гуна таъқибот ё табъизи кормандонашро қабул накунад. Шаклҳои манъшудаи озору азияти ҷинсӣ ва таъқибро дар асоси нажод, қавм, дин, миллат, синну сол ё шакли ҷисмонӣ дар бар мегиранд. Ташкилот ба ҳамагуна табъизу зулм дар ҷойи корӣ таҳаммулнопазирии сифриро пеш гирифтааст.

10.2. Ҳар корманде, ки корманди дигарро озор медиҳад, ба ҷавобгарии дахлдори интизомӣ кашида мешавад, аз ҷумла то қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ. Сиёсати Ташкилот тарафдори таҳқиқи ҳамаҷонибаи шикоятҳост. Таъқиб ва табъизи корманде, ки дар бораи чунин амалҳо хабар додааст, манъ аст.

## 11. ИШТИРОК ДАР ФАЪОЛИЯТИ СИЁСИИ ДАВЛАТӢ

11.1. Иштирок дар фаъолияти сиёсӣ кишвар барои ҳар як шахс ҳуқуқи сиёсии ӯ мебошад, аммо корманди Ташкилот, ки дар ин самт мавқеъ мегирад ё дар маъракаи сиёсӣ фаъолона иштирок мекунад, бояд кафолат диҳад, ки ӯ худро ҳамчун шахси индивидуалӣ нишон медиҳад ва ба ҳеҷ ваҷҳ аз номи Ташкилот амал намекунад.

## 12. ФАЪОЛИЯТҲОИ ДИНӢ

12.1. Кормандони ташкилот мувофиқ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Эъломияи умумии ҳуқуқи башар доир ба масъалаи эътиқоди динӣ озод мебошанд. Ташкилот сиёсати дунявиро пеш гирифта манфиатҳои ягон раванди диниро дасгирӣ наменамояд.

## 13. МАҲСУЛОТ (НАТИҶАҲОИ) КОР

13.1. Ихтироот ва ё ҳамагуна эҷодиёте, ки корманд дар ҷараёни фаъолият дар Ташкилот эҷод мекунад, моликияти Ташкилот мебошад, аз ҷумла ҳамагуна қайдҳо дар коғаз, фиттаҳо, филм, суханронӣ, аксҳо, дастурҳо, нақшаҳо, методологияҳо, ҳангоми таҳияи барномаҳои стандартӣ, пешниҳодҳо, маводҳои таҳқиқотӣ, графика, презентатсияҳои аудиовизуалӣ ва дигар маводҳои таълимӣ ё мутобиқсозӣ, мақолаҳо ё дастнависҳо ё маводҳои марбут бо маҳсулоти ҷамъиятӣ ё дигар маҳсулоте, ки кормандон аз номи Ташкилот ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ таҳия кардаанд, пурра дар ихтиёри

Ташкилот мемонад. Кормандон ҳуқуқ доранд, ки чунин маҳсулотро танҳо ба манфиати Ташкилот ҳангоми иҷрои вазифаҳояшон истифода баранд.

## 14. ОДОБИ КОРӢ ДАР УТОҚҲОИ ТАШКИЛОТ

14.1. Кор дар утоқҳои кории Ташкилот, ба мисли дигар ҷойгоҳҳо, муносибати хушмуомила ба ҳама ҳамкоронро талаб мекунад, ки ҳамаи унсурҳои муносибат дар Ташкилот дар Кодекси одоби ташкилот пешбинӣ шудааст.

14.2. Ҷои кории кормандро, новобаста аз он ки минтақаи хидматрасонӣ ё ҷое, ки таҷҳизот истифода мешавад, эҳтиром бояд кард. Агар корманд машғули ягон кор бошад (суҳбат бо телефон ва ё бо меҳмон), ба корманди дигар лозим меояд, ки ба ҷойи кории худ баргардад ва вақти беҳтаринро барои мулоқот тавассути телефон ё почтаи электронӣ муҳокима кунад. Пеш аз вуруд ба утоқи кории корманди дигар ҳатман иҷозати ӯро барои воридшавӣ бояд бигирад.

14.3. Дар маҷмуъ, ҳангоми гуфтугӯи телефонӣ дар утоқи корие, ки якчанд кормандон дар он ҷо якҷой фаъолият мебаранд, истифода бурдани функсияи баландгӯяки телефон тавсия дода намешавад. Муошират тавассути баландгӯяк метавонад ба кори дигарон халал расонад. Суханрони бебаландгӯяки телефон низ одоби худро дорад, ки бояд ба дигарон халал нарасонад. Навобаста аз он ки корманд бо телефони шахсӣ гуфтугӯ дорад ё бо телефони корӣ, бояд одоби муоширатро риоя намояд.

## 15. ИСТИФОДАИ ТЕЛЕФОНИ МОБИЛӢ

15.1. Ҳангоми истифодаи телефонҳои мобилӣ, дастурҳои зерин бояд риоя карда шаванд:

15.1.1. Дар ҷои кор, гуфтугӯ бо телефони мобилӣ бо масъалаҳои шахсӣ кормандонро метавонад парешон кунад, ки ин ба ҳосилнокии фаъолият зарари манфӣ расонад. Аз ин сабаб, кормандон бояд бо масъалаҳои шахсӣ дар вақти берун аз соати корӣ гуфтугӯ намоянд. Оиди ин қоидаи Ташкилот, ҳар корманд оилаи худро бояд хабардор намояд. Дар ҳолатҳои истисноӣ, ки ба корманд хеле зарур аст бояд эҳтироми ҳамкоронро ба ҷо оварда дар ҷойҳое ки ба дигарон халал намерасонад гуфтугӯ намояд.

15.1.2. Рондани воситаҳои нақлиёт (барои кормандони дорои воситаҳои нақлиёт). Корманд ҳангоми рондани воситаи нақлиёт набояд бо телефони мобилӣ гуфтугӯ намояд. Истифодаи телефони мобилӣ ҳангоми рондани воситаи нақлиёт метавонад боиси садама, захмӣ шудан ё марги корманд ва дигарон гардад.

15.2. Дар ҳолати истифодаи телефони мобилӣ оид ба масъалаҳои шахсӣ, ки ин ҳолат ба самаранокии меҳнат ба таври назаррас таъсир мерасонад ва ё ба амволи Ташкилот зарар расонад, Корманд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

## 16. ИСТИФОДАИ ИНТЕРНЕТ

16.1. Ба кормандон аз номи Ташкилот баромад кардан дар интернет, аз ҷумла изҳорот дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ки метавонанд ба нуфузи Ташкилот зарар расонанд, манъ аст.

16.2. Ҳангоми истифодаи шабакаи интернет дар Ташкилот бояд корманд сарфакор бошад ва танҳо онро бо мақсади фаъолияти корӣ истифода барад.

Ба сомонаҳо ва линкҳои шубҳаомез ва манъшуда ворид шудан манъ мебошад.

Инчунин бидуни мақсади кори истифода намудани шабакаҳои иҷтимоӣ ва месенҷерҳо манъ аст.

## 17. ИСТИФОДАИ НАҚЛИЁТҲОИ ХИЗМАТӢ

17.1. Бе иҷозат истифодаи нақлиётҳои хидматӣ барои мақсадҳои шахсӣ манъ аст. Истифодаи нақлиёт танҳо бо иҷозати шахси ваколатдори Ташкилот иҷозат дода мешавад. Дар ҳолатҳои садама, сарфи назар аз вазнинии онҳо, кормандон бояд ба роҳбарияти Ташкилот фавран хабар диҳанд.

## 18. РОБИТА БО ҶОМЕА

18.1. Муносибат бо ВАО
Васоити ахбори омма барои ҷалби гуруҳи мақсадноки Ташкилот, тамошобинон, истифодабарандагони сомонаҳои гуногуни иттилоотӣ, шунавандагон ё хонандагон мусоидат менамояд.
ВАО дар бисёр ҳолатҳо дастрасии васеъ ба маълумотҳо ва имконияти паҳни онро доранд, ки таъсири калон ба мавқеи Ташкилотро дорад. Корманди ташкилот бояд ҳамавақт бо ВАО бовиҷдонона муносибат кунад ва маълумотҳои заруриро бемамоният пешниҳод намояд. Шаффофият дар муносибат бо ҷомеа аз муносибат бо ВАО оғоз мегардад. Корманд он маълумотҳоро бояд ба мақола ҷой диҳад, ки вай ҷолиб ва ба манфиати гуруҳи мақсаднок бошад.
18.2. SMM низ яке аз воситаҳои муҳими муосир мебошад, ки барои баланд бардории мақоми Ташкилот зарур буда, алоқа бо ҳамкорон ва гуруҳи мақсаднок бо ин усул хеле қулай ва осон мебошад.
18.3. Ҳамаи нашрияҳое ки аз ҷониби корманди Ташкилот вобаста ба лоиҳа ё берун аз он ки ба Ташкилот дахл дорад бояд ба Директори иҷроияи Ташкилот барои мувофиқа пешниҳод карда шавад ва ҳангоми иҷозат баъд онро ба нашр диҳад.

## 19. МАСЪУЛИЯТ ОИД БА РИОЯИ ШАРТҲОИ СИЁСАТИ МАЗКУР

19.1. Риояи шартҳои Сиёсати мазкур барои ҳамаи кормандону аъзоёни ташкилот, новобаста аз вазифаи ишғолнамуда ҳатмӣ мебошад.

19.2. Роҳбарияти Ташкилот бояд таъмин намояд, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Ташкилот ба талаботҳои дар Сиёсати мазкур муқарраршуда, мувофиқат намояд.

19.3. Роҳбарияти Ташкилот интизор аст, ки кормандон ва контрагентҳои бо Ташкилот дар муносибатҳои шартномавӣ буда, оиди вайрон гардидани Сиёсати мазкур ва ё вайроншавии эҳтимолии он, ба роҳбарияти Ташкилот ва ё Комиссияи тафтишотии Ташкилот хабар медиҳанд.

## 20. СОҲАИ ФАРОГИРӢ

20.1. Сиёсати мазкур ба ҳамаи кормандони Ташкилот, аз ҷумла кормандони кироя, шахсоне, ки бо шартномаҳои хизматрасонӣ ба Ташкилот хизматрасонӣ мекунанд, ҳамчунин ба аъзои Раёсати ташкилот ва тамоми аъзоёни Ташкилот татбиқ карда мешавад.

## 21. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

21.1. Ҳамаи аъзоён ва кормандони Ташкилот ҳангоми қабул ба кор уҳдадоранд, ки забонхат оиди шинос гардидан бо Сиёсати мазкурро имзо гузоранд.

21.2. Аз ҷониби Комиссияи тафтишотӣ на кам аз як маротиба дар як сол оиди аз ҷониби кормандон ва аъзоёни Ташкилот риоя карда шудани Сиёсати мазкур санҷиш гузаронида мешавад ва барои дида баромадан ба Маҷлиси умумӣ ҳисобот пешниҳод мегардад.

21.3. Ҳар як корманд ва аъзоёни Ташкилот барои риояи талаботҳои Сиёсати мазкур мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул аст.